## МОДУЛИ 1
## МАВЗӮИ ЛЕКСИЯ: Психологияи бачагона ҳамчун фан.
### Нақша:

**Муқаддимаи фан**

1. Давраи бачагӣ –предмети омӯзиши фан
2. Психологияи бачагона дар системаи илмҳо.
3. Робитаи фан бо дигар фанҳо.
4. Сабабҳои ба миён омадани психологияи бачагона ва синнусолӣ ҳамчун илми мустақил.

Фанни Психологияи бачагона дар асоси фанни Психологияи умумӣ омӯхта мешавад.

Илми психология хусусияти фаъолияти одам (малака, одат, фаъолияти меҳнатӣ ва эҷодӣ, диққат ҳамчун ҷиҳати зарурии ҳар гуна фаъолият) - ро меомӯзад.

Ба ҳамин тариқ, психология - илм дар бораи психика, қонунияти зоҳиршавӣ ва инкишофи он мебошад. Вазифаи асосии илми психология бошад, ин омӯхтани ҳаёту фаъолияти психикии одам мебошад.

Психология равандҳои психикиро дар ягонагӣ бо равандҳои асабӣ - физиологӣ, ки онҳо асоси фаъолияти инъикосии майна мебошанд, меомӯзад. Ҳамаи инро психологияи умумӣ меомӯзад.

**Соҳаҳои психологияи умуми:**

1. Психологияи омӯзгорӣ
2. Психологияи синнусолӣ
3. Психологияи бачагона
4. Психологияи иҷтимоӣ
5. Психологияи муҳандисӣ
6. Психологияи кайҳонӣ
7. Психологияи амалӣ
8. Психологияи инкишоф
9. Психологияи ҳарбӣ
10. Психологияи меҳнат
11. Психологияи тиббӣ
12. Психологияи муносибатҳои оилавӣ
13. Психологияи озмоишӣ

Психологияи бачагона яке аз соҳаҳои илмҳои психологияи умумӣ ва психологияи синнусолӣ ба ҳисоб меравад.

Аз рӯи ин муайян карда мешавад, ки предмети асосии омӯзиши психология ин инсон мебошад. Дар давоми ҳаёти худ инсон якчанд

давраҳоро аз сар мегузаронад: бачагӣ, наврасӣ, навҷавонӣ, ҷавони, миёнсолӣ, пиронсолӣ.

Дар психологияи синнусолӣ давраи бачагӣ аз рӯзи таваллуд то сини 12 солагиро дар бар мегирад, ки ба он кӯдакони сини томактабӣ ва хурди мактабӣ дохил мешаванд.

Давраи «бачагӣ» ё худ «кӯдакӣ» дар ин давра инсон бо суръати тез, сифатан аз ҷиҳати психики инкишоф меёбад. Дар 5—6 соли ҳаёт кӯдак аз тифли заиф ба одами пурра ташакулёфта табдил меёбад, дар ӯ хусусият, одату хислат, шавқу ҳавас, фикру андешаҳои ба худ хос пайдо мешавад. Дар ҳамин давра кӯдак нахустин қадамҳои худро мегузорад, гапзаданро ёд мегирад, бо ашёҳо амал мекунад, фикр кардану муоширатро меомӯзад. Суръати бавуҷуд омадани сифатҳои наве, ки дар кӯдак дида мешавад калонсолонро дар ҳайрат мегузорад. Пай дар пай ба пеш ҳаракат кардани кӯдак, ба вуҷуд омадани шаклҳои нави мустақилнокӣ ва фаъолнокӣ бо далелҳо тавсиф дода мешавад, ки ба инкишофи давраи бачагӣ хос аст, ки он дар фанни психологияи бачагона омӯхта мешавад.

Ҳаёти психикии кӯдак аз давра ва зинаҳои инкишоф, ки хусусиятҳои ба худ хосро иборат мебошад. Ӯ дар инкишофи худ то синни 7 солагӣ 4 давраи синну солиро аз сар мегузаронад. Ҳамчун илм психологияи бачагона қонуниятхои инкишофи анатомӣ- физиологӣ ва психологии кӯдакро аз рӯзи таваллуд то 7 солро меомӯзад. Аз ин бар меояд, ки қонунҳои давраи инкишофи психикии кӯдак предмети асосии омӯзиши психологияи бачагона мебошад. Муайян кардан ва фаҳмонда додани хусусиятҳои инкишофи психикии ва кӯдакро дар ҳар давраи синнусолӣ вазифаи асосии фанни психологияи бачагона ба ҳисоб меравад.

Масъалаи ба давраҳои синну соли тақсим намудани ҳаёти кӯдакро як қатор олимони машхури сохаи психология омухта онро пешниход намудаанд, аз ҷумла, А.Н. Леонтев, Б.Д.Элконин, В.В.Давидов, Л.С.Виготский ва ғ.

Дар ҳар як давраи синнусолӣ дар кӯдак дигаргуниҳо, тағиротҳо, душвориҳо, зиддиятҳо, навовариҳо ба вуҷуд меояд, ки он ба фаъолиятхои асосӣ ва фаъолиятхои пешбаранда вобаста аст. Ҳар як давра хусусиятҳои хоси инкишофи кӯдакро дар бар мегирад. Инкишофи психикии кӯдак аз қонунҳои муайян вобастааст.

Фарзанди инсон ба инсон монанд аст ва он аз насл ба насл як қатор ҷиҳатҳои волидайни худро ба воситаи ирсӣ мегузаронад. То ба воя расидан ба ташаккулёбии шахсияти кӯдак муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ, ки дар он кӯдак тарбия мегирад таъсир мерасонад. Тағироту дигаргуниҳое, ки дар рафти инкишофи психикии кӯдак ба вуҷуд меояд аз омили биологӣ ва иҷтимоӣ вобастагии калон дорад, ки он ҳамчун қонунхои инкишофи психика омӯхта мешаванд.

Психологияи бачагона ба таълимоти фалсафа такя мекунад, ки қонуни умумии инкишоф, ҷамъият, табиат ва аз зинаи паст то ба зинаи баланд инкишоф ёфтани шуури инсонро меомӯзад. Сохтори анатомии - физиологии инсон инчунин дар давоми ҳаёт рушд ва инкишоф меёбад, аз

рузҳои аввали ҳаёт тағиротҳои ба вуҷуд омада имкон медиҳад, ки мувофиқи он инкишофи психикии кӯдакро омӯзем, ки дар он сохтори майнаи сар, инкишофи системаи асабҳо, узвҳои дохилӣ ва берунӣ ба назар гирифта мешавад.

Шахсе, ки бо тарбияи насли наврас машгул аст, аз донишҳои психологӣ бахра гирифта усул ва воситахои мувофикро дар тарбия ва таълим истифода мебарад.

Масъалаҳое, ки дар илми психологияи бачагона мавчуд аст дар алоқаманди бо илмхои фалсафа, анатомия ва физиология, педагогикаи томактаби хал мешавад.

Дар рафти омузиши масъалахои психологияи бачагона аз таърихи инкишофи илми психологияи бачагона, таълимотхои олимони шинохтаи соҳаи психология маълумот дода мешавад.

Психологияи бачагона тақрибан дар нимаи дуюми асри XIX аз психологияи умумӣ чудо мешавад. Барои мустакил амал кардани ин илм тадкикотхои олимони чахон сабаб шуд.

Кушода шудани аввалин лабараторияи озмоиши барои муайян кардани хусусиятхои психологии инсон зери рохбарии В.Вундт дар шахри Лейпсиг ва таълимоти эволютсионии (аз як холат ба дигар холат гузаштан) Ж.Ламарк ва Ч.Дарвин оиди ба вучуд омадани тагиротхои микдорию сифати дар даврахои гуногуни синну соли, яъне ба вучуд омадани таълимоти инкишофи психика дар онтогенез (раванди омузиши даврахои гуногуни инкишофи психикаи инсон аз рузи таваллуд то овони пиронсоли) ва филогенез (зинахои гуногуни инкишофи олами хайвонот аз соддатаринхо то шуури инсон)барои инкишофи илми психологияи бачагона замина гузошт.

Дар пешрафт ва инкишофи илми психологияи бачагона инчунин акидахои олимони шинохта ба назар гирифта мешавад. Масъалаи инкишофи психологияи кудакро аз руи синну сол Ян Амос Коменский омухта буд, фарохам овардани шароит барои инкишофи психикии кудак аз тарафи Жан Жак Руссо пешниход шуда буд.

Ахамияти калон доштани асри XVIII И.Г.Песталости (1746-1827) дар китобаш «Чи тавр Гертруда бачахояшро таълим медод» инъикос кардааст .

Маорифпарвари асри XVIII –и рус В.Н. Татишев кайд карда буд, ки дар ташакули шахсияти кудак сахми тарби яи калон аст.У таъкид карда буд,ки сарчашмаи инкишофи кобилияти аклии кудак ба омухтани тачрибаи калонсолон вобаста аст . Чунин тачриба, мегуфт В.Н.Татишев,Тавасути алокаи забон ва хат ба вучуд меояд В.Н.Татишев инкишофи хонандагонро ба даврахои синусоли чудо карда буд, ки минбаъд маорифпарваримашхури асри XVIII Н.И.Новиков (1741-1818) онро тарафдори карда дуруст мешуморид. Ба акидаи Н.И.Новиков тараккиёти фикри, хоти рва хисиёти кудак тавассути шиносоии у бо олами вокеи ва бо кумаку ёрии калонсолон сурат мегирад.

Файласуфи олмони Тидеман соли1787 зери унвони «Мушохидахо аз руи инкишофи кобилияти рухии кудак» ном китоберо таълиф кард,ки ба масъалаи инкишофи психологии кудак бахшида шуда буд. Натичаи мушохидахоихешро аз руи амалу рафтори кудак аз руи таваллуд то сини 3 солаги чамъбаст намуда,кайд кард,ки баъди гузаштани хафтахо ,моххо дар сохаи сенсор ива харакатхои кудак тагиротхо ба вучуд меояд. Мувофики маълумотхои ба даст овардаи Тидеман баъди 8 хафтаи таваллуддар кудак холати аффекти (гиря,асабонишави) ва дар 7 мохаги ба таври ихтиёри талаффуз кардани овозхои алохида (да-да ба-ба) сар мешавад Дар нимаи аввали асри XIX симои психологии кудакони сини томактабиро бо тамоми чузъиёташ А.Кусмаул тавсиф дода буд.Акидахои у ба шароите рост омада буд, ки таълимоти анъанавии психология ассотсиативиоид ба шарху эзохи хаёти рухи як равияи муаянро ташкил мекард. Мувофики психологияи ассотсиативи ходисахои рухи дар зери таъсири конуни ассотсиатсия пайдарпай мураккаб мегардад. Мафҳуми қонуни ассотсиатсия хам таълимоти фалсафи ва хам эмпирики (тачрибави) дорад.

Минбаъд ба омузиши психологияи бачагона файласуфи англис А.Бен (1818-1903) ва Н.Тен рох ва тарзи омухтани нуткро дар шакли мукоиса бо таърихи инкишофи забон (соли 1876)дар симои духтараш омухт. У шаклгирии хар ду фаъолият, яъне омузиши нутк ва тарърихи инкишофи забонро ба механизми алокахои муваккатии асаби, ассотсиатсияховобаста мекард.

Дар рушду инкишофи психологияи бачагона сахми педагог ва психологи машхури рус К.Д. Ушинский (1824-1870) басо калон аст. Ӯ нақши таълим ва тарбияро дар инкишофи шахсияти бача нисбати муҳаққиқони пештара равшану ҳаматарафа нишон дода ақидаҳои тозаю навро ба миён овард ва онҳоро дар асараш «Одам ҳамчун предмети тарбия» (соли-1867) баррасӣ намудааст. Ӯ системаи яклухти педагогии таълимро,ки омили асосии инкишофи фаъолиятҳои маърифати (хотир, тафаккур ва ҳиссиёту ирода аст, қайд карда буд. Фаъолнокии кӯдакро махсус қайд карда К.Д.Ушинский нишон дод, ки инкишофи кӯдак ин натиҷаи меҳнати шахсӣ ва фаъолияти донистагирии ӯ мебошад . Таълим ҳамон вакт самарабахш мегардад, ки ба синнусол мувофиқ бошад ва педагог хусусиятҳои психологии ҳар як хонандаро донад ва бо боварии комил ба фаъолияти бача роҳбарӣ намояд.

К.Д.Ушинский қайд карда буд, ки дар инкишофи ақли бача таффакур,маҳорати дуруст муҳокима карда тавонистан шаклҳои гуногун корҳои фикрӣ саҳми калон дорад,ки онҳо ба фаъолияти тафаккур такя мекунад.Фаъолиятноки фикри кӯдакро муаллим дар рафти фаъолияти

таълимӣ ташкил карда ба он роҳбарӣ менамояд. Таълим ин меҳнат аст, ки барои инкишофи ақл зарур аст . ӯ навмшта буд ки дар инкишофи ақл ва маънавмёти кӯдак нутқи калонсолон таъсири калон мерасонад . Ба воситаи калима кӯдак фикрашро ифода мекунад. Бо забони модари ҳарф зада истода хусусиятҳо ,анъанаҳои халқашро меомӯзад.

К.Д.Ушинский дар асарҳояш «Олами кӯдакон» ва «забонни модарӣ» системаи таълимро тавре пешниҳод намуд, ки он инкишофи ҳаматарафаи кӯдакро бояд таъмин намояд.

Ба ақидаи К.Д.Ушинский илми педагогика ҳамон вакт тарбияи шахро дуруст ба роҳ монда метавонад, агар он бо маҷмӯаи илмҳое , ки одамро меомӯзад ,такя кунад ва дастурҳои онҳоро ба ҳисоб гирад.
Гарчанде,ки дар бахши фалсафаи педегогии худ К.Д.Ушинский қобилияти кори системаи асабро ба таври яктарафа шарҳ дода бошад ҳам, дар тақиқотҳои ӯ як навъ руҷӯи ва бою ғанӣ намудани фаъолияти системаи асаб ва фаъолияти инсон мавқеи хосро ишғол мекунад .Ӯ таъкид карда буд, ки ҳамаи малакаю одатҳо маҳз туфайли амалҳои нимрефлексӣ ҳосил мешавад. Ҳатто дар ҷараёни чорабиниҳои тарбиявӣ ҳам, амали нимрефлексӣ аҳамияти калон дорад .Ба ҷуз К.Д.Ушинский дар адабиёти педагогӣ-психологии ҷаҳонӣ ягон муаққиқи дигар ин қадар ба пурагӣ ва аниқ аҳамияти малакаю одатҳоро дар ҷараёни таълиму тарбмия тавсиф накардааст. Ӯ тавофути нимрефлекс ва рефлексро шарҳ дода таъкид карда буд, ки рефлекс ба табиати системаи асаби одам ба он талабот дорад, вале ним рефлекс ба натиҷаҳои ниҳонии тарбия ва машқу амалҳо вобаста мебошад .

Кашфиёти И.М.Сеченов дар хусуси боздории маркази системаи асаб ба К.Д.Ушенский имкон дод,ки ӯ тасаввуроташро нисбати асосҳои физиологиӣ ва механизми нимрефлекс тағир диҳад. Бо вуҷуди ин К.Д.Ушинский таълимоти И.М. Сеченовро нисбати рефлексҳои майнаи сар қобили қабул намешуморид. Ӯ мегуяд, ки одатҳои дар заминаи рефлексҳо ҳосил шуда, дар системаи асаб тағиротҳои муҳимробавуҷуд меорад ва дар асоси ин дар одам қобилиятҳое пайдо мешавад, ки дар табиати ӯ чунин қобилиятҳо пештар ҷой надоштанд.

К.Д.Ушинский аҳамияти нимрефлексро дар ташакули одатҳо шарҳ дода зарурияти онро дар соҳаи педагогика махсус қайд карда мегӯяд,ки такомули ҷисмонӣ,маънавӣ ва қобилияти фикрии инсон ба одатҳо вобаста мебошад. Одати хуб боигарии маънавии инсон аст, ки аз вай нақши худро дар системаи асаб ӯ мегузорад.

Ба масъалаи психологияи педпгогӣ, парвариши бадан,тарбияи оилавӣ, тафовути фардӣ – психологии бачаҳо як қатор асарҳои олими рус П.Ф.Лесгафт (1837-1909) бахшида шудааст. Принсипи ягонагии

амалҳои сенсорию ҳаракатиро ба роҳбарӣ гирифта П.Ф.Лесгафт назарияи тарбияи баданро мураттаб сохта онро ҷавҳари кори худ мешомирид. Ба акидаи П.Ф.Лесгафт вазифаи тарбияи ҷисмонӣ дар мактаб танҳо ба парвариши бадани бачагон маҳдуд намегардад .Машғулиятҳои тарбияи ҷисмониро тавре ба роҳ мондан зарур аст,ки вай ба маҳорати худидоракунӣ ва инчунин дар фаъолияти амалӣ ба донишандӯзии бача таъсири мусбӣ расонад.Аз ин рӯ, машқҳои тарбияи ҷисмони бояд ба ташаккули ҳаматарафаи шахс алокаманд бошад. Машқҳои ҷисмонӣ ба идоракунии қобилияти сенсорӣ ва ақлии бачагон нигаронида шавад . Зеро иҷрои ҳаракати машқҳо ба бача имкон медиҳад , ӯ муносибати фазоӣ , идроки фосилаи вактро омӯзад ва мунтазам ба ин кор одат кунад. Идроки фазо ва вақт аз ҳискунии умумӣ оғоз шуда минбаъд барои шуурона идора намудани ҳаракатҳо ва бо сухан ифода кардани мафҳумҳо хотима меёбад .Шукрона ба низом даровардани рафтору амал мувофиқи таълимоти П.Ф.Лесгафт танҳо таввассути сухан , калима имконпазир аст. Ӯ таъкид мекард, ки ба кӯдак дуруст идора кардан ва ба низомдарории амалу ҳаракатҳоро тавассути сухан ёд додан лозим аст.

Тарзи аз идроки ҳиссӣ –образӣ (тасвири) бо ёрии сухан ифодкарданроП.Ф.Лесгафт шарти муҳими тарбияи рафтори мустақилона меҳисобид .Ба иҷрои амалҳои дурусти воқеӣ ба ҳисоб гирифтани санҷиш ва назорати фикр ӯ диққати махсус дода буд. Дар афкори психологии П.Ф.Лесгафт тарбияи бадан ва обутобдиҳии он воситаи муҳими инкишофи фаъолияти фикрӣ ба шумор меравад. Ба таври дигар гӯем тарбияи ақлӣ ва парвариши баданро протсесси ягона меҳисобид, якеро аз дигараш ҷудо намекард.

Баъдтар физиологи машҳур олмони Б.Прейер (1841-1897) «Рӯҳи кӯдак» ном китобро (соли 1881) таълиф кард, ки он барои омӯзиши инкишофи психологияи бачагона марҳилаи нав кушод. Китоби «Рӯҳи кӯдак» як навъ ҷамъбасти таҷрибаҳои бисёрсолаи Б.Прейер буд, ки дар он натиҷаи мушоҳидаҳоиӯ аз руи инкишофи психи кӯдак ҷамъбаст шудааст. Ба ин нигоҳ накарда то таълифи асари Б. Прейер як зумра олимон (Тидамен, А.Кусмаул, Н. Тен ) аз рӯи амалу рафтори кӯдакон мушоҳида бурда буданд . Мушоҳидаҳои Б.Прейер аз онҳо ба кулли фарқ мекард. Чунки ӯ ҳамчун биолог, табиатшинос ба маълумотҳои саҳеҳ такя карда нуктаи назарашро аниқ ифода карда, инкишофи кӯдакро дар батни модар шарҳу эзоҳ додаст. Инкишофи беруназбатнии кӯдакро ӯ бо мафҳуми психогенизис (инкишофи психологӣ) ишорат карда буд.Аҳамияти омили биологиро дар инкишофи психикаи кӯдак махсус қайд карда буд .Ӯ бо ҳамин ақидаи психологони равияи ассотсиатвию эмптрткто оид масъалаи тараққиёти психикаи кӯдак сахт ба зери

танқид гирифта буд. Ба ақидаи Б.Прейер майнаи сари кӯдак « чун лавҳи тоза» аст ва онро ба таҷрибаи шахсӣ вобаста кардан хатои маҳз аст. Олими рус Р.Р. Ланге таълимоти Б.Прейерро омӯхта чунин қайд карда буд :омӯзиши китоби «Рӯҳи кӯдак» дар психология тағйироти куллиро ба вуҷуд овард, онро аз методи худмушоҳидакунии кӯҳна озод намуд… ва масъалаи ба таври воқеӣ омӯхтани психикаикӯдакро ба миён овард. Баъди асари Б.Прейер мушоҳидабарӣ ва мунтазам ба қайд гирифтани амалу ҳаракатҳо ва нутқи кудакон дар корҳои муҳаккиқони минбаъда мушоҳода мешавад. Масалан, В.М. Бехтерев (1857-1927), ки дар соҳаи системаи асаб тадқиқот мебурд, солҳои 80- ум ифодашавии ҳолаҳои эмотсионалии писараш Петяро мунтазам мушоҳида бурда тағйиротҳою дигаргуниҳои амалу ҳаракатҳои ӯро қайд мекард.

Соли 1914 Вилям Штерн китоби «Психологияи барвакти бачаги» аз руи мушохидаи кудакони синни барвакти бачаги то 5-6 сола навишта мешавад.

В.Вундт дар сохаи психология донишхои физиологиро омухта асархои «таълимот оид ба харакати мушакхо» ва «Маводхо ба назарияи хисси идрок»-ро нашр менамояд.

И.М.Сеченов ва И.П.Павлов доир ба хосил шудани рефлексхо да кудакони хурсол кор кардаанд.

Дар инкишофи илми психологияи бачагона асархои тадкикотии психологони машхур Анри Валлон (1879-1962) ва Жан Пиаже (1898-1980) хеле калон аст. Жан Пиаже инкишофи акли-зехнии кудаконро аз рузи таваллуд то 18 солаги омухта онро ба даврахо таксим намудааст. Анри Валлон низ инкишофи тафаккури кудакро омухта акидахояшро дар китобаш «Инкишофи психикаи кудак», «Аз амалиёт то фикр» навиштааст. Сахми психологи рус Л.С.Виготский(1896-1934) дар пешрафти илм хеле назаррас аст. У низ масъалаи инкишофи тафаккур, нуткро омухта дар психология мафхумхои навро ба монанди инкишофи мадани, минтакаи наздиктарини инкихофи психикапр дохил кардааст. А.Н. Леонтев (1903-1979) назарияи психологияи фаъолиятро кор карда баромадаast.

Олимони точик дар омузиши психология низ ба назар мерасад. Психологҳо Баҳоватдинов А.М., Солеҳбоев В.Х., Турсунов Н.Н., Недоспасова В.А., Назуллоева М.Юнусова Н.М., Алиев С.Н. дар навиштан ва тарҷумаи як қатор китобҳои дарсӣ аз психология ба забони тоҷикӣ саҳм гузоштаанд.